**«Тасдиқ мекунам»**
Ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ д.и.т., профессор
_____________ Ибодуллозода А.И.
_____ ____02______ соли 2025

# ХУЛОСАИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ

Диссертатсияи Каримов Қадриддин Облобердиевич дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии ақидаҳои маорифпарварии Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш» барои дарёфти дараҷаи илмии доктор PhD–и фалсафа аз рӯйи ихтисоси 6D020100 – фалсафа (6D020102 – Таърихи фалсафа) дар кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносии ДДОТ ба номи С. Айнӣ иҷро шудааст.

Дар ҷараёни омода намудани диссертатсия Каримов Қ.О. унвонҷӯи кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносии ДДОТ ба номи С. Айнӣ ба шумор мерафт.

Каримов Қ.О. соли 2008 ба ихтисоси таъриху ҳуқуқи факултети таърих ва ҳуқуқи ДДОТ ба номи С. Айнӣ дохил шуда, онро соли 2013 хатм намуд. Пас аз хатми донишгоҳи номбурда барои идомаи таҳсил ба шуъбаи магистратура (ш. Уфаи ФР) аз рӯйи ихтисоси таърихи умумӣ дохил шуда, соли 2015 зинаи мазкурро бо ихтисоси таърихи умумӣ хатм кардааст.

Номбурда бо фармоиши ректори ДДОТ ба номи С. Айнӣ аз 12.09.2019 №568 ОД аз рӯйи ихтисоси 6D020100 – фалсафа (6D020102 – Таърихи фалсафа) ба ҳайси докторанти зинаи доктор PhD дар назди кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносӣ қабул шудааст.

Мавзуи таҳқиқи диссертатсионӣ ва роҳбари илмӣ дар Шурои олимони донишгоҳ аз 28.02.2020 № 8/6.2 тасдиқ карда шудаанд. Номи мавзуъ ва роҳбари илмӣ иваз нашудаанд.

Диссертант имтиҳоноти маҷмуиро бо баҳои аъло супоридааст. Маълумотномаи академи (транскрипт) мавҷуд аст.

Диссертатсияи Каримов Қ.О. дар ҷаласаи кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносии ДДОТ ба номи С. Айнӣ аз 20.02.2025 №7 муҳокима гардидааст. Ба диссертатсия аз ҷониби муқарризон баҳои мусбат дода шуда, пас аз ислоҳи камбудиҳо ба зинаи навбатии ҳимоя тавсия карда шудааст.

Роҷеъ ба натиҷаи баррасии диссертатсия дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии ақидаҳои маорифпарварии Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш» чунин хулоса қабул карда шуд:

**Мавзуи диссертатсионии** «Таҳлили муқоисавии ақидаҳои маорифпарварии Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD ба шиносномаи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D020100 – фалсафа (6D020102 – Таърихи фалсафа) **мутобиқат менамояд.**

**Мавзуи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар ҷумҳурӣ мувофиқат менамояд.** Аз ҷумла дар татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиу тарбияи фарзанд», Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон», Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм, технология ва инноватсия барои давраи то соли 2030, Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғ. мутобиқат мекунад.

Қайд гардид, ки осори арзишманди Жан Жак Руссо - маорифпарвари франсавӣ, файласуф ва педагог ва Аҳмади Дониш - мутафаккири тоҷик, поягузори равияи маорифпарварӣ дар Осиёи Марказӣ - ҷузъи фарҳанг, сармояи маънавии ташаккули қобилияти зеҳнии инсоният маҳсуб мееёбанд. Зеро мазмун ва моҳияти онҳоро мавзуъҳое ташкил медиҳанд, ки дархӯри талаботи ҷомеаи муосир, аз ҷумла масъалаи дарки мафҳуми инсон, системанок ба роҳ мондани раванди таълиму тарбия ва ба камол расонидани инсон, таъсиси оила ва риояи талаботи никоҳ, таъсиси ҷомеа ва риояи принсипҳои адолат ва баробарии иҷтимоӣ ҳангоми иҷро кардани усулҳои идоракунии давлат, дар маҷмуъ муносибати инсон нисбат ба табиат ва худии худ ҷиҳати пайдо кардани ҷойгоҳи мувофиқ дар раванди муносибатҳои иҷтимоӣ ва ғайра мебошанд.

Аз ин рӯ, таҳқиқ ва мутолиа кардани ин бозёфтҳои маънавӣ дар мадди аввал аз он ҷиҳат муҳим мебошанд, ки ҳама гуна зиддиятҳое, ки дар назарияи тарбияи муосир ҷиҳати ҳалли мушкилоти фаҳмиши инсон ва ба камол расонидани ӯ ҳамчун субъект ба миён меоянд, бартараф менамояд. Аз тарафи дигар, афкори фалсафии ҳар ду мутафаккир ҷанбаи **ратсионалистӣ** дошта, ҳаллу баррасии масъалаҳои мавҷударо аз доираи ақл пешниҳод мекунанд ва ба неруи эътимодбахши ақл боварӣ доранд.

Бо назардошти гуфтаҳои қаблӣ таҳқиқи масъалаи мазкур низ аз он ҷиҳат аҳамиятнок аст:

1) дар асоси ба эътибор гирифтани арзишҳои ду фарҳанг: Аврупо ва Шарқ хонанда ва пажуҳишгар метавонад маълумоти воқеиро оид ба сарчашмаҳои пайдоиш, ҷиҳатҳои умумиятдошта ва хусусиятҳои

фарққунандаи равияи маорифпарварӣ, марҳилаҳои рушди он дар Франсия ва Осиёи Миёна ба даст оварад;

2) ба пешниҳоду тавсияҳои Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш нисбати тағйир додани сохтори идораи сиёсии ҷомеа, ки дар натиҷа барои ба вуҷуд омадани ҷунбишҳои гуногуни фикрию инқилобӣ дар Франсия ва Осиёи Миёна ҳамчун замина нақш бозиданд, шинос гардад;

3) идеяи мутафаккирон дар бобати он ки нобаробариҳои иҷтимоӣ бузургтарин фасоди ҷомеа буда, аз моликият сарчашма мегирад, идеали масъулини идораҳои давлатӣ ҷиҳати риоя доштани адолати иҷтимоӣ ва роҳ надодан ба нобаробариҳои ҷамъиятӣ бошад;

4) халқро ҳамчун манбаи ҳокимият эътироф карда, дар ҳалли масъалаҳои меҳварии ҷомеа райъи онҳоро ба эътибор гирифтан аз рукнҳои асосии ҷомеаи демократӣ мебошад, ки ҳар ду мутафаккир аз он ҷонибдорӣ мекунанд;

5) тибқи талаботи консепсияи тарбияи табиии Ж.Ж. Руссо ва назарияи тарбияи Аҳмади Дониш барои ташаккули инсон нақши се омил муҳим аст: табиат, муҳити иҷтимоӣ ва моликият. Ин омилҳо имрӯз низ барои тарбия ва ба камол расонидани инсон нақши муассир доранд, ки аз актуалӣ будани идеяҳои маорифпарварон гувоҳӣ медиҳад ва ғайра.

Мубрамияти илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқи ин масъалаҳо зарурати пажуҳиши мавзуи мазкурро ба миён овард.

Таъкид гардид, ки диссертатсия дорои навгониҳои илмӣ буда, натиҷаҳои он барои илми фалсафаи тоҷик ва ҷомеаи имрӯза аҳаммиятнок мебошанд.

Натиҷаҳои амалии таҳқиқот метавонанд дар раванди пажуҳиши муносибатҳои мутақобилаи давлат ва ҷомеа, нақши давлат дар тарбияи кӯдак, муносибати оила бо мактаб ва ғайра, ҳангоми таҳияи стратегия ва консепсияи сиёсати давлатӣ дар мавриди маориф, мақом ва нақши он дар равандҳои иҷтимоии ҷомеа мавриди истифодаи васеъ қарор гиранд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти мазкурро метавон ҳангоми баррасии масъалаҳои назариявии осори илмии донишмандони даврai маорифпарварии ҳам Аврупо ва ҳам Осиёи Миёна, инчунин, дар таълифи асарҳои илмию фалсафӣ, бахусус, ҳангоми таҳияи таърихи фалсафаи маорифпарварӣ, фалсафаи илм ва методологияи таҳқиқоти илмӣ истифода бурд. Дастовардҳо ва хулосаҳои таҳқиқоти мазкур имкон медиҳад, ки мақоми воқеии ҷараёни маорифпарварии аврупоӣ ва тоҷик дар ҳадди қиёс муайян карда шавад.

**Диссертант вобаста** ба мавзуи таҳқиқ 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда ба нашр расонидааст, ки мазмун ва муҳтавои диссертатсияро ифода карда метавонанд. Автореферат муҳтавои диссертатсияро пурра ифода карда метавонад:

**I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳи тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:**

[1-М] Самиев Б.Ҷ., Каримов Қ.О. Консепсияи тарбияи табии Жан Жак Руссо ва моҳияти фалсафии он. [Матн] / *Қ.О. Каримов* // Ахбори АИ ҶТ. - Душанбе, 2020. - № 4 (261). - С. 55-59.

[2-М] Каримов Қ.О. Пайдоиши маорифпарварӣ дар Фаронса ва Осиёи Марказӣ: умумият ва фарқият. [Матн] / *Қ.О. Каримов* // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. - Душанбе, 2020. - №7. - С. 195 - 201.

[3-М] Каримов Қ.О. Ихтилофи байни зиндагии табиӣ бо зиндагии мутамаддин аз дидгоҳи Жан Жак Руссо. [Матн] / *Қ.О. Каримов* // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Силсила: илмҳои фалсафӣ. - Душанбе, 2021. - №1 (1). - С. 29 - 35.

[4-М] Каримов Қ.О. Таъсири ақидаҳои иҷтимоӣ-сиёсии Аҳмади Дониш дар ташаккули афкори ислоҳотхоҳии ҳамасрон ва мутафаккирони баъдӣ. [Матн] / *Қ.О. Каримов* // Паёми Донишгоҳи тиҷорати Тоҷикистон. - Душанбе, 2022. - №4. - С. 343 - 348.

[5-М] Каримов Қ.О. Тамоилгирии андешаҳои Жан Жак Руссо доир ба масъалаи инсон ва ҳалли мушкилоти низоми ҷомеадорӣ. - [Матн] / *Қ.О. Каримов* // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Бахши илмҳои фалсафа, ҳуқуқ ва сиёсатшиносӣ. - Душанбе, 2024. - № 2-3 (13-14). - С. 65-72.

**II. Мақола ва фишурдаи интишорот дар маҷмуаи маводи конференсияҳо:**

[1-М] Каримов Қ.О. Моҳияти фалсафии оила аз назарияи тарбияи Аҳмади Дониш [Матн] / *Қ.О. Каримов* // Маводи конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ: «Масъалаҳои иҷтимоӣ-психологии оилаи муосир ва роҳҳои таъмини устуволрии он». (Душанбе, 15-май 2023). - Душанбе 2023. Саҳ. 213-221.

[2-М] Каримов Қ.О. Таъсири ақидаҳои иҷтимоӣ-сиёсии Жан-Жак Руссо ва Аҳмади Дониш дар ташаккули афкори фалсафии ҳамасрон ва мутафаккирони баъдина [Матн] / *Қ.О. Каримов* // Философское осмысление проблем инноваций в современном таджикистанском обществе. Сборник статей межвузовской научнопрактической конференции (Душанбе, 28 ноября 2023г.). – Душанбе: РТСУ, 2023. - С. 49-63.

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи Каримов Қадриддин Облобердиевич дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии ақидаҳои маорифпарварии Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш» аз рӯйи ихтисоси 6D020100 – Фалсафа (6D020102 – Таърихи фалсафа) кори илмии комилу анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Каримов Қадриддин Облобердиевич дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии ақидаҳои маорифпарварии Жан Жак Руссо ва Аҳмади Дониш» барои дарёфти дараҷаи илмии доктор фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100 – Фалсафа (6D020102 – Таърихи фалсафа) бо назардоштиислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя дар шурои диссертатсионии дахлдор тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи фалсафа ва фарҳангшиносии ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ санаи 20.02.2025, суратҷаласаи №7 қабул гардидааст.

Иштирок доштанд: ҳамагӣ - 16 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» - 16 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест.

**Раиси ҷаласа:**
номзади илмҳои фалсафа,
дотсент, мудири кафедраи
фалсафа ва фарҳангшиносӣ — Саидзода Гулхумор Зинат

**Котиби илмӣ:**
номзади илмҳои фалсафа,
дотсенти кафедраи
фалсафа ва фарҳангшиносӣ — Бердиев Шоҳназар Пирназарович

Имзоҳои Г. Саидзода ва Ш. Бердиевро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ — Мустафозода Абдукарим
«20» 02 соли 2025

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 121.
Тел.: +992 (37) 224 13 83
e-mail: info@tgpu.tj
www.tgpu.tj